# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе 2026. – 39 саҳ.)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» бо дарназардошти таҳдиду хатарҳои воқеии аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бароянда, ки яке аз самтҳои афзалиятноки пешгирӣ ва рафъи онҳоро фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ низ ташкил медиҳад, яке аз мавзуҳои мубрам ва муҳим арзёбӣ карда шуда, натиҷаҳои аз он бадастомада метавонанд дар раванди ислоҳоти милитсия, бахусус, дар ҳалли вазифаҳои барномавии ташкили фаъолият оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар чунин вазъият мусоидат намоянд.

Муаллиф дар таҳқиқот ба таҳлили ақидаҳои назариявӣ ва муқаррароти қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, муқоисаи меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва баъзе аз давлатҳои хориҷӣ, таҷрибаи пешрафтаи фаъолият дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ пардохта, баъзе аз таърифҳои муаллифии мафҳумҳои соҳавии мавзуъ, пешниҳодҳо барои такмили қонунгузории соҳавӣ ва имкониятҳои истифодаи таҷрибаи пешрафтаи соҳавиро бо дарназардошти хусусиятҳои миллии фаъолияти мақомоти дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур менамояд. Ҳамчунин, оид ба таҳқиқи илмии мавзуъ консепсияи муосири муаллиф манзур карда мешаванд, ки дар доираи он механизми омодабошӣ, сафарбаркунӣ ва иштироки ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар пешгирӣ ва рафъи

ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бо таври комил нишон дода шудааст.

Дар алоқамандӣ ба гуфтаҳои боло, бояд қайд намуд, ки дар ҳақиқат дар замони рушди босуръати корхонаҳои бузурги саноатӣ, пайдо шудани бемориҳои нави сироятӣ, гармшавии иқлиму обшавии пиряххо, заминҷунбиву селу тармафарой ва ба вуқуъ пайвастани садамаву сухторҳо ва дигар оқибатҳои техногениву табиӣ тақозо менамояд, ки таҷрибаи давлатҳои пештафта, мушкилоти қонунгузорӣ оид ба танзими муносибатҳои соҳавӣ ва асосҳои ташкили фаъолияти ҷузъу томи мақомоти милитсия ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ дар пешрафт қарор дошта бошанд. Аммо, чи тавре ки аз матни автереферат бар меояд дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ норасогию камбудӣ ва масоили ҳалталаб ба чашм мерасанд. Аз ин хотир, интихоби мавзуъ ва пайдарҳамии мантиқии таҳқиқоти масъалаҳои матраҳшуда, метавонанд барои дар оянда ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта ва такмили қонунгузории соҳавӣ мусоидат намоянд.

Таҳлили ҳамаҷонибаи асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба муаллиф имконият додааст, ки таърифҳои мафҳумҳои бунёдгузори асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳитдори давлатиро вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ пешниҳод намояд. Асосҳои назариявии ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилиро дар асоси андешаҳо ва консепсияҳои муқтадири илмӣ бо таври васеъ тавсиф ва мушкилоти ҷойдоштаи костакунандаи самаранокии фаъолияти мақомоти давлатиро дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ муайян созад.

Дар ҳақиқат ҳифз намудани ҳаёт ва саломатӣ, молу мулки шаҳрвандон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ яке аз унсурҳои асосии таъмини шароити арзанда ва ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон ба ҳисоб меравад, ки аҳаммияти конститутсиониро доро мебошад.

Муҳтавои автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки, муаллиф дар иҷрои вазифаҳои гузоштааш ба чунин мақсадҳо ноил гардидааст:

– таърифи муаллифии мафҳуми "ҳолатҳои фавқулода", "вазъияти фавқулода", "шароитҳои махсус" ва дигар мафҳумҳои ҳамҷавор, ки асосҳои консептуалии идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар ниҳодҳои салоҳиятдори давлатиро дар ин самт ташкил медиҳанд, пешниҳод гардида, хусусиятҳои тавсифкунандаи онҳо шарҳ дода шудаанд;

– омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи костакунандаи идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ муайян карда шудаанд;

– таърифҳои мафҳумҳои «сохтори ташкилӣ» ва «омодагии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» коркарда ва бо диди муосир пешниҳод гардидаанд;

– таҷрибаи пешрафтаи соҳавии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар амалияи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ манфиатпазир эътироф карда шуда, самтҳои афзалиятноки мукаммалгардонии қонунгузории фавқулода вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ муайян карда шудааст;

– ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ консепсияи мукаммал ва ҷавобгӯи таҳдиду хатарҳои муосир пешниҳод шудааст.

Муаллиф ҷиҳати ноил шудан ба чунин бардоштхои самараноки илмӣ аз методологияи фаррохи илмӣ, аз қабилӣ усули диалектикӣ-

материалистии омӯзиш ташкил медиҳад, ки дар доираи он усулҳои алоҳидаи илмӣ, системавӣ, мантиқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ, таърихӣ, оморӣ бо таври васеъ истифода бурда шуда, бо мақсади омӯзиши мушаххаси масъалаҳои матраҳгардида, дар самти ташкили фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аз усулҳои анкетагузаронӣ ва пурсиши роҳбарони ҷузъу томи МКД низ баҳравар шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот вобаста ба ҳалли масъалаҳои матраҳгардида, давра ба давра дар шакли маърӯзаҳои илмӣ дар конференсия ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилаӣ мавриди таваҷҷуҳи доираҳои илмӣ пешниҳод шудаанд, ки аз мустақилияти илмӣ ва эҷодии муаллиф шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, дар таҳқиқот ба баъзе масоли мубрам вобаста ба мавзуи таҳқиқот аз madди назари муаллиф дур мондаанд. Масалан, вобата ба накши ҷузъу томи мақомти корҳои дохилӣ, хусусан милитсияи карнтинӣ дар пешгирӣ намудани беморuи ҳамашумули сироятии “КОВИД-19” мавқеи муаллиф равшан нест.

Бояд қайд намуд, ки эроди зикргардида ҷузъӣ ва эҳтимолан мубоҳисавӣ буда, ба мазмуни таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонад.

Дар маҷмуъ, сохтори таҳқиқот системавӣ ва мантиқӣ буда, пурра бо ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф мантиқан дуруст ва аз нуқтаи назари илмӣ асоснок мебошанд.

Автореферати диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» аз 39 саҳифа иборат буда, ҳамаи унсурҳои заруриро дар бар мегирад, ки ҳадафи таҳқиқотро ба таври возеҳ ва пурра инъикос менамояд. Он ба талаботи автерефератҳои рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ аст ва бо аҳаммияти бешубҳаи илмии худ намунавӣ ва фарққунанда мебошад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ арзёбӣ мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Оралбаев Х.Х.

«26» 08 2026 с.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Испечак-2, М-20, хонаи 4, ҳуҷраи 24. Телефон: (+992) 919643535.
E-mail: femida-80@list.ru

Имзои Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

«26» 08 2026 с.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992 (37) 231-02-01; E-mail: tgfeu@tgfeu.tj